# 210143 - Ҳукми ба духтари навзод "Анъом ё Аном" ном гузоштан

**савол**

Ҳукми ба духтари навзод Анъом ё Аном ном гузоштан чист?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Анъом ё Аном" ном гузоштан аз нигоҳи асосу низоми номгузорӣ ҳеҷ монеияте надорад. Барои шахс ҷоиз аст, ки ба духтари худ "Анъом" ё "Аном" ном гузорад, зеро асос дар номҳо ин аст, ки он мубоҳ ва ҷоиз мебошад, модоме ки дар лафзу маънои ном мамнӯияти шаръие дида нашавад.

Агар инсон ин ду номро тарк намуда, аз байни номҳои духтарон номҳоеро, ки дар муҳити ӯ маъруфу машҳур ва маънои хуб доранд, интихоб кунад, ин беҳтару комилтар аст. Пештар дар сомона барои номгузории духтарон бархе номҳои хуб зикр карда шуда буд, ба монанди ҷавоби саволи рақами (101401).

Барои маълумоти бештар, лутфан ба он ҷавоб нигаред.

Инчунин оиди одоби номгузории фарзандон ба ҷавоби саволи рақами (7180) нигаред.

Аллоҳ донотар аст.